# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6D.KOA-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсияи Абдулмаҷидзода Манучеҳр Абдулмаҷид дар мавзуи «Инсогаройӣ ва тарбияи инсони комил дар осори Ҷалолиддини Балхӣ ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.

Инсоният дар давоми асрҳо аз насл ба насл интиқол додани урфу одатҳо, қоидаҳои бунёди муносибатҳо дар ҷомеаи муайяни миллӣ, фарҳанги он, ахлоқ, арзишҳои ахлоқию маънавӣ ва ғайраро бо роҳу усулҳои муайяни омӯхташуда, аз ҷумла, бо роҳи истифода бурдани идеяҳои тарбияи халқӣ дар асоси таҷрибаи таърихии гурӯҳи этникии муайян таҳқиқ ва омӯхтааст. Бо вуҷуди ин, бо рушди усулҳои муоширати фарҳангии байналмилалӣ ва ҷаҳонишавии минбаъда маълум шуд, ки такя ба фарҳанги миллӣ бешубҳа кофӣ нест, дар ҷаҳон шумораи зиёди фарҳангҳои дигар мавҷуданд, ки бидуни ҳамкорӣ бо онҳо мавҷудияти минбаъдаи инсоният ғайриимкон аст.

Рӯйдоду ҳодисаҳоеро, ки дар ҳаёти воқеӣ ба роҳҳои гуногун ба амал меоянд, бояд дарк карда мешуд, ки низоми тарбияи насли наврасро чӣ тавр тағйир додан мумкин аст, то ин ки ҷавонон ба он бомуваффақият мутобиқ шаванд, сипас дар бораи роҳҳои дигаргунсозии раванди педагогӣ фикру мулоҳизаҳо пешниҳод намуда, муҳокима карда, танҳо пас аз ин мебоистислоҳот амалӣ намоянд. Зиёда аз ин, ғояҳо ҳар қадар асоснок инкишоф ёфта бошанд, ислоҳоти соҳаи таҳсилот ҳамон қадар бомуваффақият татбиқ мешавад. Маҳз ҳамин тавр, бо такя ба ақидаҳои аз ҷиҳати назариявӣ асосноки педагогӣ ҳамчун шакли ифодаи тафаккури инкишофёфтаи «аз гузашта ба оянда» педагогика дар давраҳои минбаъда пайваста ташаккул ёфтааст.

Муаллифи диссертатсия хеле дуруст ва бомаврид таъкид кадааст, ки: «дар айни замон намояндагони ҷомеаи омӯзгории тоҷик, инчунин, қишри босаводи тамоми ҷомеаи муосири тоҷик бо ақидаҳои педагогии мутафаккири барҷастаи миллии худ кам ошно ҳастанд, огоҳии онҳо аз осори Балхӣ танҳо бо дарки сатҳӣ аз ашъори ӯ ва баъзе маълумотҳои умумӣ дар бораи тарҷумаи ҳоли ӯ маҳдуд аст. Чунин ҳолат ба назари мо ғайри қобили қабул ба назар расида, мубрамияти проблемаи зарурати омӯзиши амиқи ақидаҳои асосии педагогии осори мутафаккири барҷастаро муайян мекунад. Бояд зикр кард, ки аксари чунин ақидаҳои педагогӣ дар муайян намудани самти рушди тамоми низоми маорифи Тоҷикистон, ки бидуни такя ба ҳувияти миллии дар

пояи ба истилоҳ «педагогикаи халқӣ» ташаккулёфта ба таври муассир фаъолият карда наметавонанд, нақши асосӣ мебозад».

1. Мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисоси 5.3.1. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ва соҳаи илми педагогика, ки аз рӯйи он ба шуро қабул, баррасӣ ва ҳимояи диссертатсияҳо иҷозат дода шудааст, пурра мутобиқат мекунад.

2. Муҳтавои диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.1. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот:

банди 3 – «Антропологияи педагогӣ» (низомҳои /шароитҳои/ рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, таҳсилот);

банди 5 – Назария ва консепсияҳои тарбия (омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангии тарбия: шаклҳо, принсипҳои тарбияи кӯдак дар марҳилаҳои гуногун ба камол расидани ӯ, асосҳои арзиши ташаккули раванди таълим, мушкилоти педагогии тарбия) мутобиқат дорад.

3. Муҳтавои кори диссертатсионӣ дар 8 номгӯйи мақолаҳои илмии нашршудаи довталаб, ки 4 номгӯйи онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 4 номгӯй дар маҷмуаи маводи конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба табъ расидаанд, мукаммал инъикос ёфтаанд.

4. Нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия мутобиқ ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, № 295) иҷро шудааст.

5. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ бо мавқеи методологии бунёдӣ, методикаи мукаммали тадқиқ, мутобиқии мақсадҳо, вазифаҳо ва мантиқ, ҳуҷҷатҳои зарурӣ, ки нуктаҳои асосӣ ва хулосаҳои диссертатсияро тасдиқ мекунад, алоқамандии назария бо амалияи кор дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии озмоишӣ, бо таҷрибаи педагогии муаллиф дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми тадриси фанҳои ба раванди коркарди маълумот нигаронида; бо иштироки муаллиф дар чорабиниҳои гуногун оид ба такмили ихтисос ва бозомӯзии касбӣ аз рӯйи самтҳои ба таҳқиқот алоқаманд таъмин карда шуданд.

Эътибрнокии хулосаҳои дар раванди таҳқиқ бадастомада, инчунин, бо озмоишҳои педагогӣ ва натиҷаҳои таълим, инчунин, бо беихтилофии мавқеъҳои назариявие, ки ташаккули онҳо ба таҳлили ғояҳои педагогии муҳаққиқони гуногун асос ёфтааст, мувофиқати методҳои таҳқиқот бо ҳадафҳои матраҳгардида, бисёрҷанбагӣ ва бардавомии таҳқиқоти роҳандозишуда аз тариқи назариявӣ ва амалӣ, тасвиби натиҷаҳои бадастомада дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таълимии пойгоҳи озмоишии таҳқиқот таъмин карда шудаанд.

6. Диссертатсияи Абдулмаҷидзода Манучеҳр Абдулмаҷид дар мавзуи «Инсогаройӣ ва тарбияи инсони комил дар осори Ҷалолиддини Балхӣ ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба шурои диссертатсионӣ қабул карда шавад.

7. Ба сифати муқарризони расмӣ Хоҷаев Қурбон Тоҳирович – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забон ва фарҳанги Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, Хоҷазода Гулҷаҳон Ҷаҳфар – номзади илмҳои педагогӣ, омӯзгори калони кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода пешниҳод карда шаванд.

8. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шурои диссертатсионии назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

9. Барои нашр ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Абдулмаҷидзода Манучеҳр Абдулмаҷидро дар мавзуи «Инсогаройӣ ва тарбияи инсони комил дар осори Ҷалолиддини Балхӣ ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

## КАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Абдулмаҷидзода Манучеҳр Абдулмаҷид дар мавзуи «Инсогаройӣ ва тарбияи инсони комил дар осори Ҷалолиддини Балхӣ ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 5.3.1. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- Хоҷаев Қурбон Тоҳирович – доктори илмҳои педагогӣ, профессори

кафедраи забон ва фарҳанги Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

- Хоҷазода Гулҷаҳон Ҷаҳфар – номзади илмҳои педагогӣ, омӯзгори калони кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссератсия дар сомонаҳои шурои диссертатсионии назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол кардани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои педагогӣ Лутфуллозода М.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои педагогӣ Раҳимзода Х.

номзади илмҳои педагогӣ Муҳиддинзода Б.

« 25 » апрели соли 2026

ШӮЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

*"Имзои М. Лутфуллозода, Х. Раҳимзода ва Б.Муҳиддинзодаро тасдиқ мекунам"*

*Нозири кадр ва коргузории АТТ* *М. Саидова*